## ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-082 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D020300 – Илмҳои таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик))**

Парвандаи аттестатсионии № ________________

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 15.07.2026, №11

**Барои сазовор донистани Қосимзода Лутфия Шералӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз руйи ихтисос.**

Диссертатсияи Қосимзода Лутфия Шералӣ дар мавзуи «Барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Кӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1990)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)), дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-082-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (воқеъ дар суроғаи 735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми декабри соли 2024, тахти №443/шд) 7- уми майи соли 2026, суратмаҷлиси №2 ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Қосимзода Лутфия Шералӣ 13 августи соли 1998 дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон таваллуд ёфта, миллаташ тоҷик мебошад. Ӯ соли 2015 таҳсилоти миёнаро дар МТМУ №13- и шаҳри Бохтар гирифтааст.

Қосимзода Лутфия Шералӣ соли 2015 ба шуъбаи рӯзонаи факултети таърихи «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» дохил шуда, онро соли 2020 аз рӯйи зинаи бакалавр, ихтисоси таърих ва ҳуқуқ хатм намуда, соли 2021 ба зинаи магистратураи МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» дохил шуда, онро соли 2022 хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 15.10.2022 таҳти рақами №08 Д/р ба ҳайси доктори фалсафа PhD, аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих дохил шуда, онро таҳти фармоиши №27 Д/р аз 26.06.2025 хатм намудааст.

Фаъолияти илмии Қосимзода Л.Ш. аз соли 2022 оғоз гардида, дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 13.02.2026, таҳти №01/49 ба докторанти

фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисос дар бораи супоридани имтиҳоноти маҷмуӣ маълумотномаи академӣ (транскрипт) додааст.

Мавзуи рисолаи доктори фалсафа (PhD) «Барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1990)» дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, аз санаи 30.06.2023, суратмаҷлиси №11 зери роҳбарии доктори илмҳои таърих, профессор Халилзода Давлаталӣ Халил, тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Халилзода Давлаталӣ Халил,** доктори илмҳои таърих, профессор, мудири кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Акрамов Зикриё Иномович** – доктори илмҳои таърих, профессор, аз рӯйи ихтисоси 6D020301– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик), профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
2. **Ватанзода Шердил Ватан** –доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик), саромузгори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ.

**Муассисаи пешбар:**

Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ».

Тақризи муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Қосимзода Лутфия Шералӣ дар мавзуи «Барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1990)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)) бо имзоҳои **раиси ҷаласа** мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ номзади илмҳои таърих, дотсент Сайнаков С.П., **ташхисгар,** и.в., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ номзади илмҳои таърих Ғуломшоев С.А. ва **котиби ҷаласа** – Ёров М.А. бо суратҷаласаи №10, аз 28 майи соли 2026 таҳия шуда, аз ҷониби ректори муассиса Ибодуллозода А.И. аз 29.05.2026 тасдиқ карда шудааст, имзо гузоштаанд.

Мазмуни тақриз мусбат буда, дар он мубрамияти мавзуъ, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он ва инчунин саҳми худи муаллиф зикр гардидааст.

Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Қосимзода Лутфия Шералӣ дар мавзӯи «Барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Кӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1990)» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)), сазовор мебошад.

Қосимзода Лутфия Шералӣ муаллифи 7 мақолаи илмӣ буда, 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшандаи КОА-и назди Президенти Ҷуҳурии Точикистон ба нашр расидаанд. Инчунин, номбурда бахшҳои мухталифи кори хешро дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва ҷумҳуриявию байналмилалӣ маъруза намудаанд.

1. **Алиева Л.Ш.** История сооружение грунтовых колесных дорог в Таджикистане [Текст] / Л.Ш. Алиева, Д.Х. Алимов // Вестник Таджикского национального университета. Ч.1. – 2023. – №12.– С.42-48.
2. **Алиева Л.Ш.** Таърихнигории сохтмони роҳҳо дар ҷануби Тоҷикистон (с. 1924-1950) [Матн] / Л.Ш. Алиева, Д.Х. Алимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №7. – С.71-77.
3. **Алиева Л.Ш.** Аз таърихи сохтмони роҳҳои хокӣ дар Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон [Матн] / Л.Ш. Алиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №9. – С.97-102.
4. **Алиева Л.Ш.** Закономерная необходимость дорожного строительства в южных районах Таджикистана (1930-1960 гг.) [Текст] / Л.Ш. Алиева // Вестник университета (ТГПУ им. С. Айни). – 2023. – №12. – С.21-26.

Ба унвонии Шурои диссертатсионӣ 6D.KOA-082 аз номи шахсони зерин 3 такризи ғайрирасмӣ ба автореферати Қосимзода Лутфия Шералӣ ворид шудаанд, ки дар онҳо дар хусуси мувофиқ будани диссертатсия ва автореферат ба талаботи муқарраркардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзанда будани муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)), хулосаҳо вуҷуд доранд.

**1. Холмуродзода Меҳрафрӯз Бури,** доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси таърих, мудири кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Эродҳо вуҷуд надоранд.

**2. Қурбонова Ширин Исмоиловна,** сарходими илмии Шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих. Эродҳо вуҷуд надоранд.

**3. Ёрмуҳаммадов А,** номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи ДМТ. Эродҳо вуҷуд надоранд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295), интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи таърих буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд:**

- дар рисола бори аввал вазъияти тоинқилобии роҳҳои алоқаи байни ноҳияҳои минтақа дар ин давра мавриди таҳлил қарор дода мешавад. Дар баробари ҳамин таъсири таъмиру сохтмони роҳҳо ба ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии минтақа нишон дода шудааст;

- вобаста ба вазъияти давраи солҳои 20-уми асри XX, дар рисола бори аввал қаҳрамонию фидокории роҳсозони он давра дар хусуси мубориза бо бероҳӣ таҳлил гардида, нақши сохтмончиёни роҳҳо дар беҳ гардонидани вазъи роҳҳои минтақа мавриди таҳлил қарор гирифтааст;

- дар рисола раванди таъмиру сохтмони роҳҳо аз давраи Аморати Бухоро то ба давраи шуравӣ таҳлил шуда, аҳамияти ин раванд аз нуқтаи назари илмӣ нишон дода шудааст;

- таҳлили рушди сохтмони роҳҳои алоқа дар замони шуравӣ нишон медиҳад, ки нақши асосиро дар ин самт мутахассисон бозидаанд ва аз ҳамин лиҳоз, дар рисола бори аввал тарзи тайёр намудани мутахассисони роҳсоз ва нақши онҳо дар таъмиру сохтмони роҳҳои минтақаи Кӯрғонтеппа муайян карда шудааст;

- дар рисола саҳми мутахассисони роҳсози дигар халқу миллатҳо низ ошкор карда мешавад, ки номи онҳо бори аввал дар саҳифаҳои таърих сабт гардиданд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст:**

- Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки диссертант бори аввал як қатор ҳуҷҷатҳои нави бойгонӣ ва инчунин маводҳои нашршудаи муҳаққиқони ватаниро, ки ҳанӯз объекти таҳлили илмӣ нашудаанд, ба гардиши илмӣ ворид мекунад.
- Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он аст, ки муқаррароти назариявӣ ва хулосаҳои дар он мавҷудбуда, ки дар асоси пажуҳиши илмӣ таҳия шудаанд, бо тавсияҳои таърихӣ ба системаи хоҷагии роҳ дар Ҷумҳурӣ саҳми муайян мегузоранд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот,** дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин, хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлилҳои илмӣ–назарявӣ ва таҷрибавӣ мутобиқ бо натиҷагириҳои таҳқиқот манзур карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ,** дар сатҳи навгонии диссертатсионӣ, муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, мақолаҳои илмӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос ёфтааст. Инчунин, дар тартиб додани нақша ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, саҳми шахсии муаллифро инъикос менамоянд.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз санаи 15- уми июли соли 2026 оид ба сазовор донистани Қосимзода Лутфия Шералӣ бо дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Илмҳои таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик), қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шуро 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар докторони илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 11 нафар иштирокдоштагон дар ҷаласа, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** — **Қурбонов Б.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ** — **Ҷалилов М.Ш.**

15.07.2026

Ҷ.М.